# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна дар мавзӯи «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технология-таълими меҳнат) (илмҳои педагогӣ)**

Дар илми педагогикаи муосир имрӯз дар назди маорифи ҷумҳурӣ вазифаи муҳими давлатӣ - таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи анъанаҳои миллӣ ва идроки масъулият барои ояндаи кишвар қарор дорад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурат ва аҳамияти рӯй овардан ба манбаъҳои муҳими миллӣ дарк гардида, дар марҳилаи кунунии рушд масъалаи барқарорсозии анъанаҳои миллӣ, санъат ва фарҳанг, хусусан, тақвият додани худшиносии миллӣ, хеле муҳим аст.

Санъат ва фарҳанги ҳар як халқу миллат вижагиҳои ба худ худро дорад, ки ба урфу одат ва анъанаҳои миллии халқ алоқаманд аст.

Лозим ба таъкид аст, ки дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар Тоҷикистон навъҳои муосири санъати ороишӣ пайдо шуда, ривоҷу равнақ ёфта буданд ва, аз ин лиҳоз, теъдоди зиёди насли ҷавон - ҳунармандони гулдӯзии ороишии анъанавии миллии тоҷикӣ ба майдони ҳунар ворид гаштаанд. Аз ин ҷост, имрӯз дар назди илми педагогика масъалаи гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар тарбияи зебоипарастии миллӣ мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор дорад.

Автореферати диссертатсия мавриди назар “Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ” унвон дошта, мавзӯи интихобкардаи диссертант Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна аз мавзӯъҳои мубрам ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ зарурати интихоби мавзӯи методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикиро ба миён гузошта, ташкил ва марҳилаҳои асосии он - заминаҳои таърихи пайдоиш, роҳ, усул ва шаклҳои корбасти гулдӯзии ороишии миллии тоҷикӣ дар таълими фанни технология ва самаранокии онро дар амал татбиқ намудааст.

Тавсифи умумии автореферат мубрамияти мавзӯи интихобгардида, объекти тадқиқот, ҳадаф ва фарзия, асосҳои методологӣ, пойгоҳи экспериментали, навгонии илмии таҳқиқот, ҳамчунин, муқаррароти

асосии дифоъ: муҳимияти илмию амалии мавзӯъ, тасдиқи натиҷаҳои пажӯҳиш ва сохтори диссертатсияро фаро гирифтааст.

Дар заминаи аҳдоф ва вазоифи мазкур муаллиф муваффақ гардидааст, ки самт, ҷанбаҳо ва сохтори тадқиқотҳои хешро бо дар назардошти нуктаҳои фавқ тарҳрезию устухонбандӣ намояд, ки онҳо дар маҷмӯъ низоми комили тадқиқоти С.Тошхоҷаеваро муайян намудаанд.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки диссертатсия аз сарсухан, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Муаллиф дар сарсухан сабаби интихоби мавзӯъ, зарурати таҳқиқи он ва сохтори рисоларо тавзеҳ дода, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъро равшан баён менамояд.

Боби аввали диссертатсия ба омӯзиши масъалаи «Заминаи таърихи пайдоиши гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ ва таъсири он ба ташаккули ҳусниёти (маърифатии зебоипарастии) хонандагон» бахшида шуда, он аз се фасл иборат аст.

Умдатан, дар боби якум масъалаҳои муҳим - заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии рушди гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ, баррасӣ ва таҳлили мухтасари он, ташаккули анъанаҳои фарҳангӣ-зебоипарастии хонандагон дар мисоли гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ ва асосҳои равонии ташаккули муносибатҳои зебоипарастӣ нисбат ба меҳнат дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгирона мавриди коркард қарор гирифтааст.

Дар боби дуюми диссертатсия “Роҳ, усул ва шаклҳои корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ дар раванди таълими фанни технология” ҳадафи баррасӣ интихоб гардида, дар он асосҳои педагогии ташаккули шахсият ва маърифати бадеӣ-зебоипарастии хонандагон тавассути гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ барои баланд бардоштани қобилияти эҷодии хонандагон тавассути гулдӯзии ороишӣ, таҳлили натиҷаҳои корҳои тадқиқотӣ дар такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ баррасӣ гаштаанд ва муаллиф коркарди онро дар се фасл ба нақша гирифтааст.

Дар тадқиқот ба сифати пойгоҳи таҷрибавию озмоишӣ маҳфили Маркази гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ (сӯзанидӯзӣ) ба номи Зулфия Баҳриддинова, Китобхонаи оммавии вилоятӣ ба номи Тошхӯҷа Асирӣ ва факултети санъати тасвирӣ ва технологияи Муассисаи давлатии Таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров», муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 23, №19, №9-уми шаҳри

Хуҷанд ва мактаби рассомии бачагонаи шаҳри Хуҷанд интихоб карда шудаанд.

Барои исботи ҳақиқии тагирёбии миёнаи натиҷаҳои таҷрибавӣ ва озмоишӣ, методи унверсалӣ барои муайян намудани нишонаи микдорӣ ва сифатӣ бо меъёри ( Т-критерий) Вилкоксон истифода бурда шудааст.

Қисмати хулоса андешаҳои ҷамъбастии муаллифро фаро гирифта, дар феҳрасти адабиёт асару мақолаҳои истифодашуда бо низоми амалкунанда зикр ёфтаанд.

Натиҷаҳои тадкиқоти диссертатсионии Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна зиёда аз даҳ номгӯи корҳои илмӣ инъикос шудааст, аз ҷумла, дар шаш маҷаллаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тақризшаванда ба нашр расонида шудааст. Ҳамчунин, диссертант ҳаммуаллифи дастури методии «Историческое предпосылки таджикской народной декоративной вышивки в формировании эстетической культуры учащихся» ва монографияи «Роли тарбияи бадеӣ-эстетикӣ дар санъати ороишӣ- миллии тоҷикон» мебошад, ки аз онҳо омӯзгорони санъат ва меҳнат, инчунин технология метавонанд истифода баранд.

Хулоса, таҳқиқоте, ки аз ҷониби Тошхоҷаева Сурайё Акрамҷоновна таҳти унвони «Методҳои такмили мазмуни таълими фанни технология дар асоси корбасти гулдӯзии ороишӣ-миллии тоҷикӣ» ба иҷро расидааст, кори анҷомёфта буда, аз лиҳози мундариҷаву ҳаҷм, сохтор ва забону тарзи баён ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (технолоғия)(таълими меҳнат)) (илмҳои педагогӣ) арзанда донистан айни матлаб аст.

Ноиби президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон — Мӯминов Ҳ. Ҳ.

Имзои д.и.ф.-м., академик Ҳ.Ҳ. Мӯминовро тасдиқ мекунам.

Мудири шӯъбаи кадрҳо — Муродова М.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
тел.(992 372) 221-69-91,
e-mail: muminov.khikmat@mail.ru